# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2025. – 191 с.**

Омӯзишу таҳқиқи истилоҳоти соҳавӣ ва муайян намудани ҷойгоҳи он дар илми забоншиносӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба шумор меравад, зеро истилоҳоти ин ё он соҳа барои дақиқу амиқ намудани таркиби луғавии соҳаҳои мазкур мусоидат намуда, барои дар сатҳи зарурӣ дар ҷамъияту истеҳсолот корбаст намудани онҳо шароити мусоидро ба миён меорад. Дар асоси маводи забони матбуоти тоҷик муайян намудани хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ то имрӯз дар шакли рисолаи илмӣ ба таҳқиқ фаро гирифта нашудааст.

Ҳамин ҷиҳати масъаларо ба назар гирифта, Шодиматова Малика Каримбердиевна рисолаи илмиашро дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» ба ҳамин масъалаи муҳимму мубрами дар боло зикршуда бахшидааст.

Рисолаи илмии мазкур ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01– Забони тоҷикӣ, комилан, мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи** Шодиматова Малика Каримбердиевна аз он иборат аст, ки истилоҳоти тиббӣ дар асоси маводи ВАО дар забоншиносии тоҷик ба омӯзиши дақиқ ва таҳқиқи монографӣ ниёз дорад ва он метавонад ба масъалаи баҳсноки истилоҳсозӣ ва истилоҳгузириву ҳамгунсозии истилоҳот равшанӣ андозад. Инчунин омӯзиш ва баррасии вижагиҳои забони васоити ахбори омма ҳамчун инъикосгари вазъи кунунии забони адабии тоҷикӣ ба мо имкон медиҳад, ки аз таҳаввулоти сохториву маъноӣ ва дастурии забони адабӣ, аз ҷумла истилоҳоти тиббӣ огоҳ бошем.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқ аз он иборат аст, ки ин таҳқиқ дар самти таҳлили истилоҳоти тиббии забони воситаҳои ахбори омма пажуҳиши аввалин буда, қаблан таҳлили истилоҳоти тиббӣ бо дарназардошти хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории забони матбуот мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Инчунин, дар рисола таҳқиқи луғавию маъноӣ ва сохтории забони матбуот бори аввал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, дар ҷараёни таълифи рисола хусусиятҳои

этимологии истилоҳоти тиббӣ ва қолабҳои асосии калимасозии давраи қадим ва баъзе воситаҳои калимасозии имрӯза муайян карда шуданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодашуда** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

Диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 191 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, дараҷаи аз худ шудани мавзуи илмӣ, ҳадафу объекти таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, эътимоднокии натиҷаҳои он, заминаҳои методологӣ ва назариии он, навгонии илмӣ, аҳаммияти назарию амалии пажуҳиш баён гардида, натиҷаҳои бадастовардашуда мушаххас шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «**Таснифи луғавӣ-маъноии истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот**» ном дошта, аз 8 фасл иборат мебошад. Дар ин боб истилоҳоти ихтисосҳои тиббӣ, номи бемориҳо, навъҳои ташхису табобат, аломатҳои клиникӣ ва пешгирии бемориҳо, навъҳои дорувор, номгӯйи асбобу таҷҳизоти тиббӣ, истилоҳоти фарматсевтӣ ва номгӯйи муассисаҳои тиббию табобатӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар **фасли якуми боби якум** истилоҳоти ифодакунандаи ихтисосҳои тиббӣ таҳқиқу таҳлил шудаанд. Муаллифи рисола дар ин қисмати кор як даста истилоҳотеро, ки бевосита дар соҳаи тиб ифодагари касби табиб мебошанд, мавриди баррасӣ қарор дода, таърихи баромад, мавқеъ, доираи истеъмол, мазмуну мундариҷа ва сатҳи истифодабарии онҳоро дар забони матбуот нишон додааст. Бо туфайли шарҳу эзоҳи чунин истилоҳоти соҳаи тиб хонанда доир ба маънои луғавӣ ва моҳияти истилоҳоти ифодакунандаи ихтисосҳои тиббӣ маълумот пайдо мекунад. Диссертант барои сареҳу муъҷаз баён намудани маънои луғавӣ, таърихи дуру дароз доштани баъзе истилоҳоти мавриди таҳқиқ қароргирифта ба фарҳангу луғатномаҳои муътамад, энсиклопедияҳои соҳаи тиб ва эҷодиёти мондагори шоирони классик, инчунин осори донишмандони мумтози ниёгонамон такя намудааст. Аз таҳқиқоти анҷомдода маълум мегардад, ки сари интихоби истилоҳоти

ифодакунандаи ихтисосҳои тиббӣ чи дар осори илмӣ ва чи дар забони матбуот истилоҳоти аслии тоҷикӣ, русӣ ва байналмилалӣ мавриди корбурд қарор дода шудаанд.

Масалан, дар баробари корбасти вожаи тоҷикии **пизишк** вожаи арабии **табиб** ва истилоҳи русии, **доктор/духтур** дар забони тоҷикӣ корбаст мешаванд. Ҳамчунин вожаву ибораҳоеро, ки имрӯз барои ифодаи ихтисосҳои тиббӣ корбурди зиёд доранд, дар рисола таҳлилу баррасии лингвистӣ шудаанд.

Бояд зикр намуд, ки истилоҳоти дар боло зикрнамуда (пизишк, табиб, доктор/духтур) барои пайдоиши чунин вожаву ибораҳо ҳамчун заминаи асосӣ хизмат кардаанд. Чунончи: **дандонпизишк, чашмпизишк, дилпизишк, пизишки дил, асабпизишк, пизишки атфол, табиби минтақавӣ, табиби соҳибмалака, духтури педиатр** ва монанди инҳо.

Бо рушду инкишофи соҳаи тиб дар замони муосир истилоҳоти зиёди иқтибосӣ ба забони тоҷикӣ ворид гаштаанд, ки дар бисёр мавридҳо бо дарназардошти набудани гунаи тоҷикиашон ба ҳамон шакли аслиашон корбаст мешаванд. Дар диссертатсия вобаста ба ин масъала чунин мисолҳо оварда шудааст: **психиатр, кардиолог, уролог, логопед, гематолог, фитотерапевт, невропотолог.**

Фасли **дуюми боби якум** ба таҳқиқи истилоҳоти ифодагари номи бемориҳо ихтисос дода шудааст. Дар ин қисмати кори диссертатсионӣ чунин истилоҳоти ифодакунандаи номи бемориҳо баррасӣ шудаанд: **зуком, грипп, гриппи мурғон, гриппи хукон, бемории зиқќи нафас, бемории сил, камхунӣ, диабети қанд, аутизм, бемории ҷоғар, дипрессия, саратон, гипертония, аллергия, рахит, сактаи дил, стресс.**

Диссертант дар баробари баррасии хусусиятҳои луғавӣ ва сохтории истилоҳоти мазкур дар бораи сабабҳои пайдоиш, нишонаҳо ва оқибатҳои ин бемориҳо маълумот додааст. Ӯ кӯшиш намудааст, ки дар баробари истилоҳоти иқтибосии аз забони арабӣ, русӣ ва аврупоӣ воридшуда, гунаҳои тоҷикии онҳоро низ аз хазинаи забони тоҷикӣ пайдо намуда, пешниҳоди соҳибзбонон ва ҳаводорони забони ноби тоҷикӣ намояд. Албатта, барои ба ин ҳадафи бисёр муҳим расидан диссертант ба фарҳангҳои муътамад ва луғатномаҳои соҳаи тиб такя намуда, аз осори адибони классик низ баҳра бардоштааст.

Дар **фасли сеюми боби якуми** диссертатсия бо номи «Истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои ташхису табобат» корбурди ин навъи истилоҳоти тиббӣ аз ҷиҳати семантика таҳқиқ карда шудааст. Дар ин фасл диссертант

истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои ташхису табобатро, ки дар осори илмӣ ва забони матбуот мавқеъ ва доираи истеъмолашон фаъол ба назар мерасанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, аҳаммияти ин гурӯҳи истилоҳотро дар рушду инкишофи истилоҳоти тиббӣ ва мавқеи истифодабарии онҳоро дар забони матбуот арзёбии илмӣ қардааст.

Дар **фасли чоруми боби якум** диссертант истилоҳоти ифодакунандаи аломатҳои клиникӣ ва бемориҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Диссертант дар ин фасл мисолҳои зиёдеро доир ба истилоҳоти мазкур аз матбуоти даврӣ ҷамъоварӣ намуда, сатҳи истиофодабарии онро дар забони матбуот бо мисолҳо нишон додааст.

Дар **фаслҳои панҷум, шашум, ҳафтум ва ҳаштуми боби якум** истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои дорувор, номгӯйи асбобу таҷҳизоти тиббӣ, номгӯйи истилоҳоти фарматсевтӣ ва номгӯйи муассисаҳои тиббию табобатӣ таҳқиқ шуда, дараҷаи истеъмол, мавқеъ ва корбасти ин навъҳои истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик муайян карда шудаанд.

Диссертант бо таҳлили мисолҳои фаровони аз маводи рӯзномаву маҷаллаҳои илмиву оммавӣ ҷамъовардааш тавонистааст, ки аҳаммияти истилоҳоти мазкурро дар рушди минбаъдаи истилоҳнигориву истилоҳшиносии забони тоҷикӣ муайян намояд.

Хулоса, аз таҳлилу баррасии умумии боби якум бармеояд, ки диссертант дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои мубрами боби мазкур матраҳшуда ба муваффақиятҳои назарраси илмӣ ноил гаштааст.

Боби **дуюми диссертатсия** таҳти унвони **«Хусусиятҳои этимологии истилоҳоти тиббӣ»** аз ду фаслу се зерфасл иборат мебошад. Дар ин боб истилоҳоти тиббӣ аз рӯйи таърихи баромад таҳқиқу таҳлил шудааст.

Муҳаққиқ ҳангоми таҳлилу баррасии маводи дастрас кӯшиш намудааст, ки истилоҳоти соҳаи тибро вобаста ба мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтанашон ба гурӯҳҳои мушаххас дастабандӣ намудааст. Саҳми олимони ватаниро низ дар самти таҳқиқи истилоҳоти соҳаҳои гуногуни илм, махсусан соҳаи тиб нек арзёбӣ карда, номи як зумраи онҳоро барои рушду инкишоф ва такмили истилоҳоти илмӣ бо камоли эҳтиром ёд кардааст. Муаллифи рисола доир ба ин масъала чунин зикр кардааст: «Таҳлилу таҳқиқи истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ аз тарафи як қатор донишмандону муҳаққиқон тули солҳо мавриди пажуҳиш қарор дода шудаанд. Забоншиносону истилоҳшиносон: М. Қосимова, М. Шукуров, Д. Саймуддинов, С. Назарзода, П. Нуров ва чанде дигарон паҳлуҳои гуногуни истилоҳоти забони тоҷикиро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Муҳаққиқони дигар  М. Ҳ. Султонов, А. И.

Юсупов, Ш. Ҳаитова, Қ. Тӯраҳасанов, Т. А. Назаров ва дигарон паҳлуҳои гуногуни истилоҳоти тиббии забони тоҷикиро мавриди баррасӣ қарор додаанд» [Дисс., с. 102].

Диссертант истилоҳоти илмии тиббиро дар забони тоҷикӣ аз рӯйи таърихи баромаданашон чунин гурӯҳҳо тасниф намудааст: истилоҳоти тиббии аслӣ (тоҷикӣ), истилоҳоти иқтибосӣ: арабӣ, русию аврупоӣ ва туркӣ-узбекӣ.

Дар диссертатсия зикр мешавад, ки забони тоҷикӣ дар гузашта забони пурқудрати илмӣ буд, имрӯз ҳам метавонад ифодагари истилоҳоти илмии тоҷикӣ, бахусус ифодагари истилоҳоти тиббӣ бошад. Дар «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ, «Донишнома»-и Ҳаким Майсарӣ, «Захираи Хоразмшоҳӣ»-и Исмоили Ҷурҷонӣ ва асарҳои дигар истилоҳоти аслии тоҷикиро дучор омадан мумкин аст, ки имрӯз метавонанд барои ифодаи мафҳумҳои илмӣ созгор бошанд.

Дар баробари ин аҳаммияти истилоҳоти иқтибосиро дар илми тиб ба таври шоиста арзёбӣ намуда, дар самти истилоҳсозиву қабули истилоҳоти илмӣ аз таҷрибаи гузаштагон сабақ гирифтанро маслиҳат медиҳад.

Хулоса, боби дуюми диссертатсия ҳам бо як қатор хусусият ва ҷанбаҳои судбахши илмиаш дар самти омӯзишу таҳқиқи истилоҳоти тиббӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошад.

**Боби сеюми диссертатсия** бо номи **«Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот»** аз шаш фасл иборат мебошад. Дар ин боб диссертант истилоҳоти тиббиро аз нигоҳи сохтор ба таҳқиқ намуда, калимасозиро дар роҳи пайдоиши истилоҳоти нави соҳаи тиб ва умуман забон яке аз роҳҳои асосии такомули таркиби луғавии забон донистааст [Дисс., с. 137]. Диссертант доираи корбасти истилоҳоти тиббиро дар забони матбуот таҳқиқ намуда, истилоҳоти мазкурро аз рӯйи хусусиятҳои маъноӣ ва сохторашон ба чунин гурӯҳҳо дастабандӣ намудааст: истилоҳоти сода; истилоҳоти сохта; истилоҳоти мураккаб, ибора-истилоҳот; ихтисораҳои тиббӣ.

Аз таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант маълум мегардад, ки дар забони матбуот нақши ҳамаи навъи истилоҳоти тиббии дар боло зикрнамуда фаъол буда, дар забони матбуот онҳо корбурди васеъ доранд. Бояд зикр намуд, ки ҳар як корманди матбуот вобаста ба мазмуну мундариҷа ва услуби баёнаш бо тақозои бори маънӣ аз истилоҳоти гуногунсохти тиббӣ истифода мебарад.

Диссертант **фасли шашуми** ин қисмати диссертатсияро ба таҳқиқи камбудиҳои забони матбуот бахшидааст. Дар ин фасли кор нуқсону

камбудиҳои истифодабарии истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуот ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, як идда камбудиҳои дар ин самт ҷойдоштаро ошкор карда, зери тозиёнаи танқид кашидааст. Дар баробари эроди ин камбудиҳо вариантҳои солим, яъне дурусти ин навъи истилоҳотро бо овардани мисолҳои зиёд пешниҳод кардааст.

Хулосаи диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар 11 банд фароҳам шуда, муҳимтарин андешаҳои муаллиф ва дар бахши тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 8 тавсияи муаллиф оварда шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Таснифу таҳқиқи вижагиҳои маъноиву луғавӣ, сохтории истилоҳоти тиббӣ дорои аҳаммияти муайяни назарӣ мебошад. Аҳаммияти амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки мавод ва масоили назарии кори диссертатсонӣ дар навиштани корҳои марбут ва вожагон, грамматикаи забони тоҷикӣ, таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ барои макотиби олӣ ва миёнаи касбии кишвар метавонад мусоидат намояд. Маводи таҳқиқии дар диссертатсия истифодашуда, барои дарсҳои амалӣ аз фанҳои забони тоҷикӣ, вожашиносӣ, назария ва амалия истилоҳшиносӣ, луғатнигорӣ созгор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар кори диссертатсионии мавриди тақриз дар баробари муваффақиятҳои арзишманд камбудиҳо низ мавҷуд аст, ки зикри онҳоро барои пешрафти корҳои минбаъдаи диссертант ин ҷо зарур медонем:

1. Дар фасли якуми боби якуми диссертатсия (саҳифаи 36) номгӯйи як даста истилоҳоти ифодакунандаи ихтисосҳои тиббӣ, ба монанди **гематолог, уролог, флеболог, трихиатр, маммолог, андролог, онкогинеколог, реабитолог, логопед, трансфузиолог, функсионалист, трансплантолог** бе ягон шарҳ дарҷ шудааст.

2. Дар диссертатсия номи як қатор истилоҳоти тиббӣ бо муродифҳояшон зикр шудааст, ки аз тарафи диссертант кадоме аз инҳо ҳамчун истилоҳ қабул шуданашон муайян нашудааст. Масалан, дар фасли якуми боби якуми диссертатсия (саҳифаи 29) дар баробари истилоҳи **кардиолог** якчанд ибора-истилоҳоти дигар, ба монанди **духтури дилшинос, духтури қалбшинос, табиби дилшинос, табиби бемориҳои дил**ро аз забони матбуот ҳамчун муродифи истилоҳи **кардиолог** овардааст. Лекин дар сари интихоби истилоҳи мувофиқу созгоре, ки дар забони тоҷикӣ ба ҷойи истилоҳи **кардиолог** корбаст шавад, масъалагузорӣ накардааст. Дар саҳифаи 43-юм ва 60-уми диссертатсия низ сари интихоби истилоҳи мувофиқ ҳамин камбудӣ ба назар мерасад.

3. Пешоянди таркибии **дар хусуси** дар диссертатсия дар шакли **аз хусуси** (саҳ. 42, 46) зикр шудааст, ки хилофи меъёри забони адабист.

4. Баъзе ҷумлаҳо дар диссертатсия ба таҳрир ниёз доранд (саҳ. 6, 11, 22, 55, 56).

5. Дар диссертатсия баъзан Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ , ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 268 тасдиқ шудааст, риоя карда нашудааст. Масалан, дар саҳифаҳои 45, 47, 88, 40, 90, 91.

Эрод ва камбудиҳои ҷойдошта ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он аз иҷрои мақсаду вазифаҳои дар кори таҳқиқии худ гузоштааш сарбаландона баромадааст.

Диссертатсия аз нигоҳи сохтор, муҳтаво, забон ва равиши таҳқиқ мукаммал мебошад. Сохтор ва муҳтавои автореферат бо диссертатсия мувофиқати комил дошта, он ва мақолаҳои бaнашррасонидаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шодиматова Малика Каримбердиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории истилоҳоти тиббӣ дар забони матбуоти тоҷик (солҳои 2003-2023)», ки барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.


**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
Муассисаи таълимии байнидавлатии
маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ)
Россия ва Тоҷикистон» Амлоев Аминҷон Ятимович
«25» августи соли 2025.

Нишонӣ: 734041, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Ҳисор, бинои 28/1, хонаи 21
Тел.: (+992) 917-58-77-78
E-mail: amloev@mail.ru

Имзои Амлоев Аминҷон
Ятимовичро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои
Муассисаи таълимии байнидавлатии
маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ)
Россия ва Тоҷикистон» Раҳимов Абдуҳамит Абдибосирович
«25» августи соли 2025.

Нишонии муассиса: 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи
М. Турсунзода 30
Тел.: (+992 37) 221-35-50
E-mail: rtsu-1996@mail.ru